# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифодааз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)**

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" раванди таълиму тарбия бо забони модарӣ ба роҳ монда шудааст ва ин имконият медиҳад, ки аз боигарии забон, аз адабиёти бадеӣ, осори гузаштагон ва панду ҳикматҳои бузургонам васеъ истифода намуда, бо ин восита нутқи гуфтугӯии хонандагону кӯдаконро пурғановат, зебову гуворо гардонем.

Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”–ро интихоб намудааст.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи автореферат муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

Муҳаққиқ дуруст муайян намудааст, ки аз нигоҳи педагогӣ аз худ намудани забони модарӣ барои инкишофи кӯдак ва ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти калон дорад. Инкишофи нутқ бо инкишофи шуур, дарки муҳити атроф ва инкишофи шахсият алоқаи зич дорад. Забони модариро аз худ намуда, кӯдак бо мафҳумҳои зиёд, андешаҳо, образҳои бадеӣ шинос гардида, худшиносии фардиашро ташаккул медиҳад.

Аз ин ҷиҳат, ифодаи фикр ё нутқи кӯдакон бояд пурмазмун ва дурусту фаҳмо баён шавад. Аз ҷумла, инкишофи нутқ дар кӯдакистон ва таълими забони модарӣ дар гурӯҳҳои ибтидоӣ, аз бедор кардан, инкишоф додан, тавоноӣ бахшидан, ғанисозии захираҳои тафаккур, ҳосил намудани фикрҳои таҳлилию интиқодӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат аст, яъне инкишофи тафаккур ва нутқи бурро мақсади машғулиятҳои таълимӣ дар кӯдакистон ва дарсҳои забони модарӣ дар гурӯҳҳои ибтидоӣ мебошад.

Бинобар ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, аз ҷумла компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои кӯдаконаи "Ҳамадон" бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои ташаккули бомуваффақияти тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи олами атроф муҳим ҳисобида шуда, самаранокии ҳамгироии мутаносиби технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо шаклу усулҳои анъанавии таълими кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла истифодаи фаъолияти пурсамар барои рушди дониш дар бораи олами атроф исбот шудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешавад, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Дар фишурдаи кор мубоист мушкилоти мавҷудбуда дар ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ васеътар кушода дода мешуд.

2. Дар матни автореферат баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсонҳои номбурда ҷузъӣ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозад. Дар умум, автореферти рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошад.

Профессори кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Шербоев С.

Имзои С.Шербоевро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Маълумот барои тамос:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; 908225559.
Сомона: www.ddzt.tj